**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯъи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Дар шароити камзамини ҷумҳурӣ самаранок истифода бурдани заминҳои обёришаванда ва руёнидани 2 – 3 ҳосил дар як мавсим яке аз масъалаҳои асосии илмӣ имрӯза боқӣ мемонад ва барои таъмини бехатарии ғизоии кишвар саҳми арзанда мегузорад.

Дессертатсияи Бегназаров Д.Б. ба талаботи имрӯзаи соҳаи аграрии мамлакат ҷавобгуй буда, дар бораи технологияи парвариши чормағзи заминӣ аз ҷумла таҳқиқи муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар кишти ангорӣ равона гардидаат, ки барои гирифтани 2 ҳосили дон дар як сол замина мегузорад. Бори аввал дар шароити заминҳои обии Тоҷикистони Марказӣ, технологияи парвариши чормағзи заминӣ, дар кишти ангорӣ аз ҷумла муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо таҳқиқ карда шуд.

Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳрой дар шароити заминҳои обии минтақаи Ҳисор муҳлати мусоиди кишт ва зичии ниҳолҳои муътадили ниҳолҳои чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ таҳия гардидааст, ки рӯёнидани то 3,3 т/га ҳосили ғилофакҳо, 27 т/га анбӯҳи сабз ва 0,9 т/га равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд, ки ин аз ҷониби Бегназаров Д.Б. ба исбот расонида шудааст.

Таҷрибаҳои саҳроии Бегназаров Д.Б. дар солҳои 2012 – 2014 аз ҷониби комиссияи махсуси методии апробатсионӣ иборат аз олимони Интитути зироаткорӣ, намояндагони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, баҳогузорӣ карда шуда, натиҷи он дар ҷаласаҳои Шӯрои илмии муассиса муҳокима гардидааст. Технологияи илман асоснокшудаи парвариши чормағзи заминӣ дар хоҷагии таҷрибавии ба номи Дзержинскийи шаҳри Ҳисор дар майдони 3 га татбиқ карда шудааст.

Ҳамин тавр бояд қайд намуд, ки диссертатсияи илмии Бегназаров Давлатманд Бобошоевич ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Мидири кафедраи ботаникаи
факултети биологияи ДДОТ
ба номи С. Айнӣ, н.и.б.
аз рӯи ихтисоси 03.02.01 ботаника Бобозода И.А.

733740, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдаки, 121. тел: +992 555559205
E-mail: ilhomjon.77@mail.ru

Имзои И.А. Бобозода-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС